**ТАҚРИЗИ**
**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия (солҳои 2012 – 2023)» барои дарёфти дараљаи илмии номзади илмњои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсияи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия (солҳои 2012–2023)» ба талаботи ихтисоси илмии 07.00.15 – «Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ» пурра мувофиқ аст. Ин таҳқиқот бо истифода аз усулҳои таърихӣ, сиёсатшиносӣ, таҳлили сиёсӣ-стратегӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ анҷом дода шудааст ва муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Туркияро дар заминаи сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор медиҳад. Муаллиф на танҳо раванди ташаккули робитаҳои дипломатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар давраи мавриди таҳқиқ тавсиф кардааст, балки бо истифода аз сарчашмаҳои аслӣ, асноди расмӣ ва назарияҳои муосири муносибатҳои байналмилалӣ механизмҳо, омилҳои муҳим ва дурнамои рушди ин ҳамкориҳоро таҳлил намудааст. Дар ин раванд, муаллиф ба таҳкими заминаи назариявии таҳқиқот ва баррасии муфассали таърихи муносибатҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, барои тавсеаи фаҳмиши илмӣ дар ин соҳа заминаи устувор фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, муҳтаво ва натиҷаҳои илмии диссертатсия комилан ба меъёрҳои шиносномаи ихтисос мувофиқ буда, ба ғанӣ гардидани илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ саҳми назаррас мегузорад ва барои омӯзиши минбаъдаи ин мавзуъ роҳи нав мекушояд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар асри XXI равандҳои ҷаҳонишавӣ, тағйироти назаррас дар сиёсати хориҷии кишварҳои минтақа ва афзоиши нақши Туркия ҳамчун шарики муҳими стратегӣ барои Тоҷикистон зарурати омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи ҳамкориҳои ду кишварро тақозо мекунад. Тоҷикистон, ки дар шароити истиқлолият сиёсати хориҷии миллии худро ташаккул дода, дар пайи таҳкими мавқеи худ дар арсаи байналмилалӣ мебошад, ба таҳкими робитаҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои пешрафта ниёз дорад. Туркия, ҳамчун давлати дунявии мусулмон бо иқтисоди пешрафта ва бозингари фаъол дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ, метавонад нақши калидӣ дар рушди иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва амниятии Тоҷикистон бозад. Баррасии

дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои муносибатҳои дуҷониба на танҳо холигиҳои мавҷуда дар таърихи муносибатҳои байналмилалиро пур мекунад, балки барои таҳкими сиёсати хориҷии Тоҷикистон заминаи амалӣ ва устувор фароҳам меорад. Мавзуъ бо дарназардошти тағйироти босуръати геополитикӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ буда, ба талаботи муосири илми таърих, сиёсатшиносӣ ва равобити байналмилалӣ мувофиқ аст.

**Навгонии илмии натиҷаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда** дар он аст, ки ин таҳқиқот нахустин кӯшиши ҳамаҷонибаи таҳлили муносибатҳои Тоҷикистону Туркия дар давраи солҳои 2012–2023 мебошад, ки бо такя ба сарчашмаҳои аслӣ, асноди расмии давлатӣ, созишномаҳои байналмилалӣ ва назарияҳои муосири муносибатҳои байналмилалӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф бори аввал робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва фарҳангиро ҳамчун падидаи стратегӣ ва мутақобилан мукаммал баррасӣ намуда, маҳдудиятҳо, монеаҳо ва имкониятҳои нави рушди ин ҳамкориҳоро муайян кардааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо** бо истифодаи васеи сарчашмаҳои аслӣ, аз қабили санадҳои расмии давлатӣ, шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ, инчунин адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ таъмин гардидааст. Хулосаҳо ва тавсияҳо дар натиҷаи таҳлили муфассали муқоисавии таҷрибаи муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Туркия дар солҳои 2012–2023 ба даст оварда шудаанд. Муаллиф бо такя ба далелҳои воқеӣ, иттилооти оморӣ, санадҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи амалии ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ тавонистааст пешниҳодҳои илмии боэътимод ва тавсияҳои амалии дорои арзиши баланд ироа намояд.

**Эътимоднокии натиҷаҳо бо апробатсияи онҳо** дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ, инчунин нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талаботи муқарраршуда мувофиқ буда**, аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, рӯйхати ихтисораҳо, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 186 саҳифаи матни компютерӣ мебошад. Дар муқаддима диссертант мубрамияти мавзуъ, ҳадафҳо, вазифаҳо, объект, предмет ва асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро шарҳ медиҳад. Боби аввал ба омӯзиши тамоюлҳои асосии муносибатҳои Тоҷикистону Туркия дар ибтидои асри XXI, тағйироти консептуалӣ дар сиёсати хориҷии Туркия ва таъсири он ба ҳамкориҳои тарафайн бахшида шудааст. Дар ин боб, муаллиф раванди ташаккули робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодиро дар заминаи тағйироти

геополитикӣ ва мавқеи нави Туркия дар Осиёи Марказӣ таҳлил кардааст. Дар боби дуюм диссертант ба баррасии динамикаи муносибатҳои дуҷониба, самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисод, амният ва фарҳанг пардохта, бо такя ба санадҳо ва таҷрибаи амалии ду кишвар таҳлили муфассал намудааст. Дар хулоса муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст карда, тавсияҳои амалӣ оид ба таҳкими ҳамкориҳо ва дурнамои рушди онҳоро пешниҳод мекунад, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки таҳлили амиқи муносибатҳои Тоҷикистону Туркия ба ғанӣ гардидани илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ саҳми назаррас мегузорад. Аз ҷиҳати илмӣ, диссертатсия бо пешниҳоди таҳлилҳои ҳамаҷониба ва назарияҳои нав холигиҳои мавҷуда дар равобити ду кишварро пур месозад ва барои таҳқиқоти минбаъда заминаи мустаҳкам фароҳам меорад. Аз дидгоҳи амалӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун роҳнамо дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, бахусус дар сохторҳои марбут ба сиёсати хориҷӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ истифода шаванд. Аз нигоҳи иқтисодӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ба муайянсозии самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ, рушди тиҷорати дуҷониба, инчунин истифодаи таҷрибаи муваффақи Туркия дар соҳаҳои саноат, энергетика, инфрасохтор ва сайёҳӣ мусоидат мекунанд. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, таҳқиқот ба таҳкими робитаҳои фарҳангӣ, мустаҳкамсозии дӯстии мардумони тоҷику турк, инчунин тарбияи илмии насли ҷавон ва ташаккули ҷаҳонбинии онҳо дар самти муносибатҳои байналмилалӣ саҳм мегузорад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳад**, ки дастовардҳои илмии муаллиф на танҳо дар доираи диссертатсия маҳдуд гардидаанд, балки дар шакли мақолаҳои илмӣ пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, чаҳор мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ду мақола дар маҷмуаҳои маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва нашр шудаанд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи баъзе нуқсону норасоӣ ба назар мерасанд:

1. Яке аз камбудиҳои кори илмӣ номувофиқатии байни унвони зербоби 1.1 "Тағйироти бунёдии асосҳои назариявӣ – консепсуалии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Туркия дар ибтидои асри XXI...." ва муҳтавои он мебошад. Муаллиф ба ҷои таҳлили умуми консептуализатсияи сиёсати хориҷии Туркия дар ин давра, ки бояд дар баргирандаи дигар самтҳои назаравӣ (ба мисли "дипломатияи саноатӣ", "сиёсати минтақавии фаъол" ва тағйироти

консептуалии солҳои 2020-2021) бошад, ба таври асосан ба омӯзиши ягона назария - "Умқи стратегии"-и Ахмад Давутоглу - маҳкам карда шудааст. Ин гуна ихтисосёбӣ боиси он гардидааст, ки тасаввури умумӣ дар бораи пояҳои назариявии сиёсати хориҷии Туркия нопурра ташаккул ёфта, дигар самтҳои консептуалии муҳим, ки дар ин давра таъсири калон доштанд, баррасӣ нашудаанд. Барои рафъ ин нуқсон зарур аст, ки ё унвони зербоб ба мисли "Нақши назарияи 'Умқи стратегии' Давутоглу дар тағйири сиёсати хориҷии Туркия" тағйир дода шавад, ё ки дар матни зербоб таҳлили дигар самтҳои консептуалии сиёсати хориҷии Туркия низ илова карда шавад.

2. Таъкиди нисбатан бар ҷанбаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ. Дар ҳоле ки самтҳои гуманитарӣ ва фарҳангӣ дар диссертатсия зикр шудаанд, аммо таҳлили амиқи таъсири робитаҳои фарҳангӣ ба муносибатҳои сиёсӣ ва дипломатӣ нопурра аст. Оё робитаҳои фарҳангӣ ва гуманитарӣ ба таври мустақим ба таҳкими робитаҳои сиёсӣ мусоидат кардаанд? Ин масъала бояд боз ҳам баррасӣ шавад.

3. Нопуррай дар таҳлили таъсири омилҳои беруна. Таҳлили муносибатҳои Тоҷикистону Туркия бе дарназардошти фаъолияти кишварҳои сеюм, ба монанди Россия, Хитой ва Эрон, ки нақши муҳим дар геополитикаи минтақа бозӣ мекунанд, нопурра аст. Таъсири ин кишварҳо ба раванди ташаккули муносибатҳои дуҷониба бояд боз ҳам амиқтар баррасӣ мешуд.

4. Нопуррай дар таҳлили мушкилоти амалӣ. Дар диссертатсия ба дастовардҳо ва ҷанбаҳои мусбати ҳамкориҳо таъкиди зиёд шудааст, аммо мушкилоти амиқи робитаҳои дуҷониба, ба монанди сатҳи пасти савдои дуҷониба, монеаҳои гумрукӣ ва дигар мушкилоти иқтисодӣ, ба таври кофӣ баррасӣ нашудаанд.

5. Истифоданакардани маълумоти оморӣ ва визуалӣ: Дар тамоми матн: Таҳқиқе, ки ба динамкаи муносибатҳо бахшида шудааст, бо истифода аз ҷадвалҳо, расмҳо ва графикҳо пурқувват мешуд, ки метавонистанд ба таври намоён ин ҷараёнҳоро нишон диҳанд: Раванди тиҷорати дуҷониба Самтҳои асосии сармоягузории туркӣ Омори ҳамкориҳои фарҳангӣ

6. Нопуррагӣ дар таҳлили амиқи назариявӣ. Муаллиф аз назарияҳои реализм ва неолиберализм дар таҳлили муносибатҳои байналмилалӣ ёд мекунад, аммо татбиқи амалии ин назарияҳо ба мавзӯи хусусӣ кофӣ равшан нест. Барои намуна, чӣ гуна назарияи реализм тағйироти сиёсати хориҷии Туркияро дар робита бо Тоҷикистон шарҳ медиҳад? Ин нукта бояд боз ҳам амиқтар таҳлил мешуд.

7. Дар матни диссертатсия хатогихои љузъии имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Аммо ин қабил эродҳо қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд. Зеро дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки дар асоси таҳлилу омӯзиши манбаҳои нодир ба мавзуи мазкур равшанӣ меандозанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – «Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ» дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия (солҳои 2012–2023)» пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ва касбӣ анҷом ёфтааст. Ин диссертатсияи ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
доктори илмҳои таърих,
Сардори шуъбаи илм, инноватсия,
муносибатҳои байналмилалӣ ва табъу
нашри филиали Донишгоҳи давлатии
Москва ба номи М.В. Ломоносов Х.Г. Комилова

Имзои Комилова Х.Ғ.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва
корҳои махсуси филиали Донишгоҳи
давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе С.М.Пирназар

ФИЛИАЛ МОСКОВСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА им. М.В. ЛОМОНОСОВА в г. ДУШАНБЕ
ОТДЕЛ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1;
**Тел.:** +992 (37) 221-99-41; **Факс:** +992 (37) 221-99-41;
Email: info@msu.tj; Сомонаи расмии интернетӣ: https://msu.tj

06.10.2025